# Эъломияи Лима оид ба принсипҳои роҳбарикунандаи назорат

Дар Конгресси IX
Созмони байналмилалии
мақомоти олии назорати моливӣ
(ИНТОСАИ) дар шаҳри Лима (Ҷумҳурии Перу)
соли 1977 қабул гардидааст.

## 1. Муқаррароти умумӣ

**Моддаи 1. Мақсади назорат**

Ташкили назорат унсули муҳими идоракунии воситаҳои моливии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, зеро чунин идоракунӣ боиси масъулият дар назди ҷамъият мегардад. Назорат танҳо мақсади ягона набуда, қисми ҷудонопазири системаи идоракунӣ мебошад, ки мақсади он аз ошкор намудани тамоил нисбат ба стандартҳои қабулгардида ва вайрон намудани принсипҳои қонуният, самаранок ва сарфаи хароҷоти захираҳои молиявӣ дар марҳилаи нисбатан барвақтии он иборат аст, то ин ки барои андешидани тадбирҳои тасҳеҳотӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ барои ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон ҷуброни зиёни расонида имконият вуҷуд дошта бошад ё тадбирҳое амали гарданд, ки чунин вайронкуниҳо минбаъд пешгирӣ ё кам карда шаванд.

**Моддаи 2. Назорати пешакӣ ва назорат вобаста ба далел**

1. Назорати пешакӣ аз санҷиши ҳуҷҷатҳои маъмурӣ ва моливӣ иборат аст, ки то гирифтани иттилоот, дар хусуси ҷой доштани вайронкуниҳо гузаронида мешавад. Назорат вобаста ба далел аз санҷише иборат мебошад, ки баъди гирифтани иттилоот дар хусуси ҷой доштани вайронкуниҳо гузаронида мешавад.
2. Назорати самараноки пешакӣ қисми ҷудонопазири системаи боэътимоди идоракунии воситаҳои боварикардашудаи пулию молӣ ба ҳисоб меравад. Он метавонад аз ҷониби мақомоти назорати молиявӣ ва дигар мақомотҳои назоратӣ гузаронида шавад.
3. Санҷиши пешакӣ, ки мақоми олии назоратӣ мегузаронад, дорои афзалияте мебошад, ки имкон медиҳад вайронкуниҳои имконпазир то лаҳзаи содир шуданашон пешгирӣ карда шаванд. Аммо норасоии он аз сарборӣ дар фаъолияти олии назоратӣ ва номуайянӣ дар муносибат нисбат ба масъулият дар назди қонун иборат мебошад. Санҷиш вобаста ба далел, ки мақоми олии назоратӣ гузаронидааст, боиси ба масъулият ҷалб намудани гунаҳкорон, ҷуброни зиёнӣ

расонида ва минбаъд пешгирӣ намудани чунин вайронкуниҳо мегардад.

4. Оё мақоми олии назоратӣ санҷиши пешакиро мегузаронад ё на – ба қонунгузорӣ, шарт ва талабот нисбат ба мақоми назоратӣ дар ҳар кишвари алоҳида алоқаманд аст. Гузаронидани тафтиш вобаста ба далел бошад, ӯҳдадории мустақими мақоми олии назоратӣ ба ҳисоб меравад, сарфи назар аз он, ки оё он ба тафтиши пешакӣ машғул аст ё на.

**Моддаи 3. Назорати дохилӣ ва беруна**

1. Хадамоти назоратии дохилӣ дар таркиби идора ва ташкилотҳои алоҳида ташкил карда мешаванд, ҳоло он ки хадамоти тафтишотии беруна қисми сохтори ташкилии ташкилотҳои санҷидашаванда намебошанд. Мақоми олии назоратӣ, мақоми тафтишотии беруна ба ҳисоб меравад.
2. Хадамоти назоратии дохилӣ ҳатман бояд тобеи роҳбари ташкилоте бошад, ки дар таркиби он таъсис ёфтааст. Аммо он бояд то ҳадди имконпазир аз нигоҳи функсионалӣ ва ташкилӣ дар дохили сохтори дахлдори ташкилӣ мустақил бошад.
3. Ба сифати хадамоти назоратии беруна, мақоми олии назоратӣ бояд самарабахшии фаъолияти хадамоти назоратии дохилиро санҷад. Агар фаъолияти хадамоти назоратии дохилӣ самарабахш эътироф шуда бошад, бояд бидуни маҳдуд сохтани ҳуқуқи мақоми олии назоратӣ иқдомҳои зарурӣ андешида, санҷиши ҳамаҷониба гузаронида шавад, то ин ки тақсими зарурии вазифаҳо ва ҳамкорӣ байни мақоми олии назоратӣ ва хадамоти назоратии дохилӣ таъмин гардад.

**Моддаи 4. Назорати расмӣ ва назорати иҷро**

1. Вазифаи маъмулии мақоми олии назоратӣ аз санҷиши қонуният ва дурустии тақсими воситаҳои моливӣ ва пешбурди ҳисобҳои муҳосибавӣ иборат мебошад.
2. Иловатан ба ин намуди назорат, ки муҳимии он бебаҳс мебошад, инчунин дигар намуди назорат вуҷуд дорад, ки ба санҷиши самарабахшӣ ва харҷи сарфакоронаи воситаҳои давлатӣ нигаронида шудааст. Чунин намуди назорат на танҳо омилҳои махсуси идоракунӣ, инчунин тамоми фаъолияти идоракунӣ, аз ҷумла системаи ташкилӣ ва маъмуриро дар бар мегирад.
3. Мақсади корҳои назоратии мақоми олии назоратӣ – қонуният, саҳеҳӣ, самарабахшӣ ва сарфакорона будани идоракунии маблағҳои пулӣ ва воситаҳои моддӣ дар маҷмӯъ ҳар кадом ба таври баробар муҳиманд. Вазифаи мақоми олии назоратӣ аз муайян намудани муҳимияти нисбии ин ё он амали зикргардида иборат мебошад.

## II. Мустақилият

### Моддаи 5. Мустақилияти мақоми олии назоратӣ

1. Мақомоти олии назоратӣ метавонанд вазифаҳои ба зиммаашон гузоштагиро танҳо ҳангоми самарабахш анҷом диҳанд, ки агар онҳо аз ташкилотҳои санҷидашаванда мустақил ва аз таъсири бегона ҳифз шуда бошанд.
2. Ҳарчанд мақомоти давлатӣ наметавонанд ба таври мутлақ мустақил бошанд, зеро дар маҷмӯъ як қисми давлат ба ҳисоб меравaнд, мақоми олии назоратӣ бояд ба дорои мустақилияти функсионалӣ ва ташкилие бошад, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда заруранд.
3. Таъсиси мақоми олии назоратӣ ва дараҷаи зарурии мустақилияти он метавонад дар Конститутсия муайян гардида, ҷузъиёти он тибқи қонуни дахлдор муқаррар карда шавад. Аз ҷумла, ҳифзи дахлдори ҳуқуқии суди олӣ бояд муқобили ҳама гуна дахолат, ки мустақилият ва ваколатҳои назоратии мақоми олии назоратиро халалдор менамояд, кафолат дода шавад.

### Моддаи 6. Мустақилияти аъзо ва кормандони мақоми олии назоратӣ

1. Мустақилияти мақоми олии назоратӣ ба таври ҷудонопазир бо мустақилияти аъзои он алоқаманд аст. Аъзо онҳое ба ҳисоб меравaнд, ки аз номи мақоми олии назоратӣ қарор қабул мекунанд ва вобаста ба чунин қарор дар назди тарафи сеюм масъуланд, яъне онҳо аъзои мақомоти роҳбарикунандаи дастаҷамъӣ ё роҳбарони яккасардори мақоми олии назоратӣ мебошанд.
2. Мустақилияти аъзои мақоми олии назоратӣ низ бояд тибқи Конститутсия кафолат дода шавад. Аз ҷумла расмиёти бозхонд, ки он ҳам бояд тибқи Конститутсия муайян гардад, набояд ба мустақилияти онҳо зарар расонад. Тартиби таъини аъзои мақоми олии назоратӣ ба мансаб ва озод намудани онҳо ба сохтори конститутсионии ҳамин кишвар вобаста аст.
3. Вобаста ба пешрафти хизматӣ муфаттиши (ревизори) мақоми олии назоратӣ наметавонад таҳти таъсири ташкилотҳои санҷидашаванда қарор гирад ва наметавонад ба чунин ташкилотҳо тобеъ бошад.

### Моддаи 7. Мустақилияти молиявии мақоми олии назоратӣ

1. Мақоми олии назоратӣ бояд бо воситаҳои молиявие, ки барои иҷрои вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда заруранд, таъмин гардад.

2. Мақоми олии назоратӣ ҳуқуқ дорад дар хусуи ҷудо намудани захираҳои зарурии молиявӣ мустақиман ба мақоми давлатие, ки доир ба буҷети давлатӣ қарор қабул мекунад, муроҷиат намояд.
3. Мақоми олии назоратӣ бояд ҳуқуқ дошта бошад дар доираи салоҳияти худ маблағҳои пулиеро, ки барои он мутобиқи сатри алоҳидаи буҷет ҷудо гардидааст, истифода намояд.

## III. Муносибат бо Парламент, Ҳукумат ва Маъмурият

### Моддаи 8. Муносибати мутақобила бо Парламент

Мустақилияти мақоми олии назоратӣ, ки тибқи Конститутсия ва қонун кафолат дода шудааст, ба он имкон медиҳад бо дараҷаи баланди ташаббускорӣ ва худмухторӣ фаъолият намояд, ҳатто дар ҳолате ки агар он ба сифати намояндаи Парламент амал мекунад ва мутобиқи дастури Парламент санҷишро анҷом медиҳад. Муқаррарот оид ба муносибати мутақобила байни мақоми олии назоратӣ ва Парламент бояд мутобики Конститутсияи давлатӣ, мувофиқи шарт ва талаботи ҳамин кишвар муайян карда шавад.

### Моддаи 9. Муносибати мутақобила бо Ҳукумат ва Маъмурият

Мақоми олии назоратӣ фаъолияти ҳукумат, роҳбарияти маъмурии он ва ҳама гуна дигар мақоми тобеи онро месанҷад. Аммо, ин комилан маънои онро надорад, ки ҳукумат тобеи мақоми олии назоратӣ мебошад. Аз ҷумла, ҳукумат барои амал ва иштибоҳи худ комилан масъул буда, наметавонад бо истинод ва гузаронидани санҷиш ва ақидаи экспертҳои мақоми олии назоратӣ аз ҷавобгарӣ озод бошад, агар чунин ақидаи экспертӣ ба сифати хулосаи аз нигоҳи ҳуқуқӣ асоснок ва иҷрошаванда пешниҳод нагардида бошад.

## IV. Ҳуқуқи мақоми олии назоратӣ

### Моддаи 10. Ҳуқуқи таҳқиқ

1. Мақоми олии назоратӣ бояд ба ҳамаи ҳуҷҷатҳои марбут ба идоракунии молия ва воситаҳои моддӣ дастрасӣ дошта бошад ва он бояд дорои ҳуқуқи аз ташкилотҳои санҷидашаванда дар шакли хаттӣ ва шифоҳӣ талаб намудани ҳама гуна иттилооте бошад, ки барояш зарур мешуморад.
2. Мақоми олии назоратӣ бояд қарор қабул кунад, ки дар куҷо гузаронидани санҷиш мувофиқи мақсад аст – мустақиман дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилоти санҷидашаванда ё дар худи мақоми олии назоратӣ.

3. Мӯҳлати мақоми олии назоратӣ фароҳам овардани иттилооти зарурӣ ё ҳуҷҷатҳои тақозошаванда ё дигар маълумотномаҳо, аз ҷумла ҳисобномаҳо бояд вобаста ба ҳар ҳолати алоҳида ё мутобиқи қонун ё аз ҷониби худи мақоми олии назоратӣ қайду шарт карда шавад.

**Моддаи 11. Иҷрои хулосаҳои мақоми олии назоратӣ**

1. Ташкилотҳои санҷидашаванда, чун қоида, бояд хулосаи мақоми олии назоратиро дар мӯҳлатҳое, ки қонун ва ё худи мақоми олии назоратӣ муқаррар намудааст, эъзоҳ диҳанд ва ҳамзамон тадбирҳоеро зикр намоянд, ки оид ба натиҷаҳои санҷиш андешида шудаанд.
2. Дар ҳолатҳое, ки агар хулосаи мақоми олии назоратӣ дар шакли хулосаи ба таври расмӣ асоснокшуда ё иҷрошаванда пешниҳод нагардад, мақоми олии назоратӣ бояд ҳуқуқ дошта бошад ба мақомоти салоҳиятнок бо талаби андешидани тадбирҳои зарурӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани гунаҳкорон муроҷиат намояд.

**Моддаи 12. Хулосаи экспертӣ ва дигар ҳуқуқҳои ҳамкорӣ**

1. Дар ҳолатҳои ниҳоят муҳим мақоми олии назоратӣ метавонад ба ихтиёри Парламент ва маъмурият таҷриба ва малакаи худро дар шакли хулосаи экспертӣ, аз ҷумла эрод оид ба лоиҳаи қонунҳо ва дигар қарорҳое, ки ба масъалаҳои молиявӣ марбутанд, пешниҳод намояд. Роҳбарияти маъмурӣ бояд барои қабул ё радди чунин хулосаи экспертӣ масъулияти пурраро ба зимма гирад: бар замми он, чунин вазифаи иловагии мақоми олии назоратӣ наметавонад аз он гирифтани хулосаҳои минбаъдаро эҳтимол намояд ва наметавонад ба самарабахшии санҷиш таъсир расонад.
2. Аз ҷониби дигар, қарор дар хусуси расмиёти қобили қабул ва то ҳадди имкон ҳамшабеҳи ҳисоботдиҳии молиявӣ бояд танҳо бо мувофиқаи мақоми олии назоратӣ қабул карда шавад.

## V. Усулҳои назорат, кормандони назораткунанда, табодули таҷрибаи байналмилалӣ

**Моддаи 13. Усул ва тартиби назорат**

1. Мақоми олии назоратӣ бояд мутобиқи барномаи тасдиқгардида санҷишро доир намояд. Ҳуқуқи мақомоти дахлдори давлатӣ ҷиҳати дар ҳолатҳои алоҳида пешниҳод намудани дархост барои гузаронидани санҷиш эътибори худро нигоҳ медорад.
2. Аз баски санҷиш метавонад аҳён-аҳён ба таври фарогир гузаронида шавад, мақоми олии назоратӣ, чун қоида, усули интихобиро

истифода мебарад. Аммо объектҳои санҷиш дар асоси модели муайян интихоб гардиида, миқдори онҳо ниҳоят зиёд бошад, то ин ки дар хусуси сифат ва саҳеҳии идоракунии молия ва воситаҳои моддӣ хулосаи зарурӣ бароварда шавад.

3. Усули назорат бояд бо такя бо дастовардҳои рушди илмию техникӣ ва техникаи идоракунӣ такмил дода шавад.
4. Барои кӯмак ба назоратчиён ҷиҳати гузаронидани санҷиши дохилӣ бояд ёддошт ва дастурамалҳо таҳия карда шавад.

**Моддаи 14. Кадрҳои назоратчӣ**

1. Аъзо ва кормандони мақоми олии назоратӣ бояд дорои тахассус ва бовиҷдон бошанд, ки имкон медиҳад вазифаҳои ба зиммаашон гузоштташудаaро самаранок иҷро намоянд.
2. Ҳангоми интихоби кормандон барои мақоми олии назоратӣ бояд ба сатҳи омодагии назариявӣ, қобилияти корӣ ва таҷрибаи фаъолият вобаста ба тахассус таваҷҷӯҳи зарурӣ зоҳир гардад.
3. Бояд ба омодагии минбаъдаи назариявӣ ва амали касбии ҳамаи аъзо ва кормандони мақоми олии назоратӣ ҳам дар курсҳои дохилиидоравӣ ва семинарҳо, инчунин дар донишкадаҳо ва дар сатҳи байналмилалӣ таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардад ва чунин бозомӯзии кадрҳо бояд тавасути ҳама гуна воситаҳои имконпазири моливӣ ва ташкилӣ ҳавасманд карда шавад.
4. Барои он ки интихоби кадрҳои дорои тахассуси баланд таъмин гардад, сатҳи музди меҳнати онҳо бояд ҷавобгӯи он талаботи махсусе бошад, ки нисбат ба онҳо вобаста ба фаъолият пешниҳод карда мешавад.
5. Дар сурате, ки агар кормандони мақоми олии назоратӣ барои гузаронидани санҷишҳои алоҳида дорои дониши зарурии касбӣ набошанд, барои гузаронидани ҷунин санҷишҳо бояд аз берун экспертҳо даъват карда шаванд.

**Моддаи 15. Мубодилаи таҷрибаи байналмилалӣ**

1. Мубодилаи байналмилалии ғояю андеша ва таҷриба дар доираи Созмони байналмилалии мақоми олии назоратӣ воситаи самараноки кӯмак ва мақоми олии назоратӣ ҷиҳати иҷрои вазифаҳои ба зиммаи он гузоштташуда ба ҳисоб меравад.
2. Мақсади мазкур то имрӯзҳо бо роҳ гузаронидани конгрессҳо, семинарҳо, ки якҷоя бо Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳо доир мегардид, машваратҳои гурӯҳҳои кории минтақавӣ ва нашри маҷаллаи махсус ба даст меомад.
3. Мувофиқи мақсад аст, ки чунин фаъолият тавоса ёбад ва фаъол гардонида шавад. Махсусан инкишофи технологияи ҳамшабеҳи

назорати давлатии моливӣ дар заминаи қонунгузории муқоисашаванда ниҳоят муҳим аст.

## VI. Ҳисобдиҳӣ

### Моддаи 16. Ҳисоботдиҳӣ дар назди Парламент ва аҳли ҷомеа

1. Мақоми олии назоратӣ бояд тибқи Конститутсия ваколатдор карда шавад, ки ҳама сола гузориши худро оид ба ҷамъбаст ва хулосаҳо оид ба натиҷаи санҷишҳои гузаронидаашро мустақиман ба Парламент ё дигар мақомоти салоҳиятноки давлатӣ пешниҳод намояд. Ин гузориш бояд нашр карда шавад. Чунин амал пахши иттилоотии васеъро таъмин намуда, баҳсро ба миён меорад ва ба ин васила барои татбиқи хулоса ва тавсияҳои мақоми олии назоратӣ фазои муносиб фароҳам мегардад.
2. Мақоми олии назоратӣ инчунин бояд ваколатдор бошад, ки ҳисоботи худро вобаста ба корҳои муҳим бевосита баъди хатми онҳо ба Парламент ирсол намояд ва мунтазири фарорасии мӯҳлати пешниҳоди ҳисоботи солона набошад.
3. Ҳисоботи солона бояд тамоми фаъолияти мақоми олии назоратиро дар бар гирад. Танҳо дар сурати мавҷуд будани манфиатнокӣ ҷиҳати ҳифзи мӯҳтавои гузориш аз ошкор шудани он мақоми олии назоратӣ бояд қиёс кунад, ки кадоме муҳимтар аст – қонеъгардонии ҳамин манфиат ё ошкор намудани далелҳои пешниҳодшуда.

### Моддаи 17. Усули ҳисоботдиҳӣ

1. Ҳисобот бояд далелҳо, баҳодиҳии объективӣ ва дақиқро дар бар гирифта, бо инъикоси натиҷаҳои нисбатан муҳими фаъолият маҳдуд гардад. Забони ҳисобот бояд дақиқ ва оммафаҳм бошад.
2. Дар ҳисобот бояд ба изҳори ақидаи ташкилоти санҷидашаванда оид ба хулосаи мақоми олии назоратӣ вобаста ба натиҷаҳои санҷиш таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардад.

## VII. Ваколатҳои назоратии мақоми олии назоратӣ

### Моддаи 18. Асосҳои конститутсионии ваколатҳои назоратӣ, назорати идоракунии моливии давлатӣ

1. Ваколатҳои асосии назоратии мақоми олии назоратиро бояд Конститутсия муайян намояд; ҷузъиёти онро бояд қонун муқаррар намояд.
2. Муқаррароти мушаххаси ваколатҳои назоратӣ бояд вобаста ба шарт ва талаботи кишварҳои дахлдор муайян карда шавад.

3. Ҳамаи идоракунии моливии давлатӣ, сарфи назар аз он, ки онҳо дар буҷети умумии миллӣ инъикос ёфтаанд ё на, бояд объекти назорати мақоми олии назоратӣ бошанд. Идоракунии он қисмҳои молияи давлатӣ, ки аз буҷети давлатӣ хориҷ шудаанд, набояд аз назорати мақоми олии назоратӣ бароварда шаванд.
4. Бо роҳи гузаронидани санҷиш мақоми олии назоратӣ бояд барои дараҷабандии дақиқ ва ошкорои буҷетӣ, таъсиси системаи нисбатан содда ва дақиқи баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар истифодаи маблағҳои давлатӣ талош намояд.

**Моддаи 19. Назорати мақомтои давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар хориҷа қарор доранд**

Ба сифати принсипи умумӣ мақомоти давлатӣ ва дигар ташкилотҳое, ки дар хориҷа таъсис дода шудаанд, аз ҷониби мақоми олии назоратӣ таҳти назорат қарор гиранд. Ҳангоми санҷиши чунин ташкилот бояд ба риояи он маҳдудиятҳое таваҷҷӯҳ зоҳир гардад, ки ҳуқуқи байналмилалӣ муқаррар намудааст. Аммо, дар ҳолатҳое, ки агар дар асоси маводи воқеӣ зарурияти ихтисор намудани чунин маҳдудиятҳо исбот шуда бошад, дар ҳуҷҷатҳои ҳуқуқи байналмилалӣ метавонад тағйироти дахлдор ворид кунад.

**Моддаи 20. Назорати пардохти андоз**

1. Мақоми олии назоратӣ бояд ваколатдор бошад, ки пардохти андозро то сатҳи ҳадди аксари имконпазир санҷад ва дар ҷараёни санҷиш маҷмӯи ҳуҷҷатҳои шахсиро оид ба пардохти андоз аз назар гузаронад.
2. Назорати пардохти андоз асосан ба санҷиши қонунияти пардохт ва саҳеҳии он алоқаманд аст. Аммо, риояи қонуни андозро санҷида, мақоми олии назоратӣ инчунин бояд самаранокии иқтисодӣ ва ташкили фаъолияти хадамоти андоз ва иҷрои нақшаи воридоти даромадро омӯзад ва агар зарур бошад, ҷиҳати такмили қонунгузории дахлдор пешниҳод манзур намояд.

**Моддаи 21. Қарордодҳои давлатӣ ва корҳои давлатӣ**

1. Маблағҳое назаррасе, ки мақомоти давлатӣ барои қарордод ва корҳои ҷамъиятӣ харҷ менамояд, санҷиши махсусан дақиқи истифодаи чунин воситаҳоро собит месозад.
2. Даъвати оммавии аризаҳо барои пудрат ҷиҳати иҷрои қарорҳои давлатӣ усули нисбатан муносиби ба даст овардани пешниҳодоти нисбатан фоиданок вобаста ба арзиш ва сифат мебошад. Дар ин ҳолат, ҳангоме ки дархостҳои ҷамъиятӣ ва пудрат даъват

нашудаанд, мақоми олии назоратӣ бояд ошкор намояд, ки бо кадом сабаб ин ҳолат рух додааст.

3. Ҳангоми гузаронидани санҷиши корҳои ҷамъиятӣ мақоми олии назоратӣ бояд ба муқаррар намудани стандартҳои дахлдор ҷиҳати анҷом додани роҳбарӣ ба чунин корҳо мусоидат намояд.
4. Санҷиши корҳои ҷамъиятӣ бояд на танҳо таҳлили саҳеҳии пардохт, инчунин омӯзиши самаранокии идоракунии сохтмон ва сифати корҳои сохтмониро дар бар гирад.

**Моддаи 22. Санҷиши таҷҳизот оид ба коркарди маълумоти электронӣ**

Сатҳи хароҷот барои таҷҳизоти коркарди маълумоти электронӣ низ санҷиши дахлдорро тақозо менамояд. Чунин санҷиш бояд дорои хусусияти системавӣ буда, ҳамзамон ба масъалаи банақшагирии эҳтиёҷот, истифодаи сарфакоронаи таҷҳизоти электронӣ, истифодаи гурӯҳи мутахассисони дорои тахассуси зарурӣ, ки ба таври афзалиятнок аз ҳайяти маъмурияти ташкилотҳои санҷидашаванда интихоб шудаанд, пешгирии истифодаи нодурусти техника, судмандии иттилооти гирифташаванда таваҷҷӯҳи махсус зоҳир гардад.

**Моддаи 23. Корхонаҳои саноатӣ ва тиҷоратӣ бо иштироки даъват**

1. Тавсияи фаъолияти иқтисодии ҳукумат аксар дар шакли истифодаи корхонаи шахсӣ сурат мегирад. Ин корхонаҳо бояд объекти назорати мақоми олии назоратӣ бошанд, агар ҳукумат дар он ба таври назаррас ширкат намояд, махсусан ҳангоме ки иштироки афзалиятнок дорад ё ба фаъолияти он таъсири ҳокимона мерасонад.
2. Мутобиқи мақсад аст, ки чунин санҷиш дар асоси далел доир гардад, инчунин масъалаҳои сарфакорӣ ва самаранокӣ омӯхта шавад.
3. Ҳисобот дар хусуи санҷиши чунин корхонаҳо, ки ба Парламент ирсол мегардад ва дар нашрияҳо дарҷ мешавад, бояд бо назардошти талаботи зарурати риояи сирри истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ таҳия карда шавад.

**Моддаи 24. Назорати ташкилотҳое, ки аз ҷониби давлат ёрии пулӣ (субсидия) мегиранд**

1. Мақоми олии назоратӣ бояд ваколатдор бошад, ки истифодаи субсидияи аз фондҳои давлатӣ пешниҳодшавандаро санҷад.
2. Агар мақсади санҷиш тақозо намояд, дар ҳолатҳое, ки агар субсидия вобаста ба аҳамияти мутлақ ё бузургии нисбии даромад ё сармояи корхонаи субсидиягиранда ниҳоят калон бошад, он бояд ҳамаи масъалаҳои идоракунии молияро дар ин корхона фаро гирад.

3. Ҳангоми ошкор намудани истифодаи нодурусти субсидия бояд ҷуброни зиён талаб карда шавад.

**Моддаи 25. Назорати созмонҳои байналмилалӣ ва ташкилотҳои гуногунмиллат**

1. Ташкилотҳои байналмилалӣ ва гуногунмиллат, ки хароҷоти онҳо аз ҳисоби ҳиссаи кишварҳои аъзо пӯшонида шаванд, гузаронидани санҷиши мустақили берунаро тақозо менамояд, ба мисли он ки дар кишварҳои алоҳида доир мегарданд.
2. Ҳарчанд чунин санҷишҳо бояд бо назардошти сохтор ва вазифаҳои ташкилотҳои дахлдор анҷом дода шаванд, онҳо низ тибқи ҳамон самте гузаронида мешавад, ки ба мисли тафтиш дар сатҳи баланд дар кишварҳои аъзо ҳамин ташкилотҳо доир мегардад.
3. Барои он ки мустақилияти чунин санҷишҳо таъмин гардад, аъзои комиссияи назоратии беруна бояд асосан аз ҳисоби ҳайати мақомоти олии назоратӣ таъин карда шаванд.